**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ, ҳамчун муҳаррики таконддиҳандаи инкишофи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ имрӯз рушди ҷараёнҳои ҳамгироӣ баромад намуда, бидуни ҷалби сармояи хориҷӣ имконнопазир мебошад. Аз ин лиҳоз, махсусият, ташаккулёбӣ, шакл ва усулҳои омӯзиши сармоягузории хориҷӣ бахусус сармоягузории мустақими хориҷӣ дар сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар мақоми аввалиндараҷаро ишғол менамояд.

Аз нигоҳи муаллиф таносуби имрӯзаи ташаккулёфтаи сохтори соҳавии сармоягузории хориҷӣ метавонад самти ашёии иқтисоди мамлакатро дар оянда нигоҳ дорад, ки ин ба сиёсати саноатикунонии босуръат мувофиқат намекунад ва боиси ақибмонӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳо ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот мегардад (саҳ.19).

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки ки хосияту миқёси сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳоло барои ба омили асосии бунёди ҷойҳои нави корӣ табдил додани онҳо имконият намедиҳанд, гарчанде ки ба афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи умумии шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд (саҳ.22).

Муаллиф дар автореферат дуруст қайд мекунад, ки механизми танзими сармоягузории хориҷӣ ҳамчун зуҳуроти серҷанба баромад мекунад. Дар низоми механизми иқтисодӣ ба вай ҳамчун воситаи самараноки иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат баҳо дода мешавад. Аз мавқеи методикаи

танзими давлатӣ, тахия ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии вай чун механизми ҷалби сармоя ва идораи раванди сармоягузорӣ шинохта мешавад (саҳ.24).

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро фарогир мебошад. Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудани автореферат, дар он баъзе камбудихо ба назар мерасанд.

1. Ҳангоми таҳқиқи проблемаи баррасишаванда ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд кам таҳлил шудаанд.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия масъалаҳои маблаггузорӣ аз тарафи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ васеътар инъикос мегардиданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои дар боло зикршуда арзиши илмиву назариявии авторефератро паст намекунанд.

Автореферати Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи “Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳон сазовор мебошад.

Муқарриз:
Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Зоирзода И.С.

Имзои муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДБССТ н.и.и., дотсент Зоирзода И.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

Нишонӣ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, ☎ (+992 37) 234-88-02, E-mail: dsx_ips@mail.ru

30.08.2024 с